# ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734024, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нисормуҳаммад, 13ª, тел.: 221-46-05,
факс: 221-70-41; www.maorif.tj; E-mail: mort@maorif.tj


№ 07/44/02-522 аз « 17 » 10 соли 2024
Ба № _____________ аз « ____ » ________ соли 2024

Ба ректорон (директорон)-и
муассисаҳои таҳсилоти олии
касбӣ ва илмӣ

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон нусхаи фармоиши вазири маориф ва илм, қарори ҳайати мушоварaи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомномаи озмуни ҷумҳуриявии «Олими сол» миёни омӯзгорон ва олимони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки як падидаи наве дар самти илми тоҷик мебошад, барои корбарӣ ирсол менамояд.

Замима: дар ҳаҷми 16 варақ.

Муовини якуми вазир Ҷамшед Ҷӯразода

Иҷрокунанда: С. Ниёзӣ
Тел.: 902 20 99 44

# ФАРМОИШИ
# ВАЗИРИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «30» 09 соли 2024 № 1141 ш. Душанбе

Дар бораи амалӣ намудани қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.09.2024, №12/4

Бо мақсади амалӣ намудани қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.09.2024, №12/4 «Дар бораи «Низомномаи озмуни ҷумҳуриявии «Олими сол» миёни омӯзгорон ва олимони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон»» мутобиқи банди 13 Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №145 тасдиқ шудааст, ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1.Қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.09.2024, №12/4 «Дар бораи «Низомномаи озмуни ҷумҳуриявии «Олими сол» миёни омӯзгорон ва олимони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон»» мавриди амал қарор дода шавад (замима мегардад).

2.Сардори раёсати илм ва инноватсия (С. Ниёзӣ) уҳдадор карда шавад, ки нусхаи фармоиши мазкурро ба роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ дастрас намуда иҷрои онро таъмин намояд.

3.Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якуми вазири маориф ва илм Ҷамшед Ҷуразода гузошта шавад.

Асос: қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.09.2024, №12/4.

Вазир Раҳим Саидзода

Муовини якуми вазир
Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус
Раёсати илм ва инноватсия
Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ

# ҚАРОРИ
# ҲАЙАТИ МУШОВАРАИ
# ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «27» 09 соли 2024 № 12/4 ш. Душанбе

Дар бораи «Низомномаи озмуни ҷумҳуриявии «Олими сол» миёни омӯзгорон ва олимони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Ҷаласаи ҳайати мушоvaраи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди муовини якуми вазири маориф ва илм Ҷамшед Ҷӯразода оид ба «Низомномаи озмуни ҷумҳуриявии «Олими сол» миёни омӯзгорон ва олимони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро баррасӣ намуда, қарор мекунад:

1. Низомномаи озмуни ҷумҳуриявии «Олими сол» миёни омӯзгорон ва олимони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузории озмунро тибқи Низомномаи мазкур ба роҳ монанд.

3. Раёсати илм ва инноватсия (С. Ниёзӣ) рафти иҷрои қарори мазкурро таъмин намояд.

4. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини якуми вазири маориф ва илм Ҷамшед Ҷӯразода гузошта шавад.

ДУРУСТ

Раиси ҳайати мушовара,
вазир Раҳим Саидзода

Бо қарори ҳайати мушовараи
Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «27» 09 соли 2024,
№ 12/4 тасдиқ гардидааст.

# Низомномаи
## озмуни ҷумҳуриявии «Олими сол» миёни омӯзгорон ва олимони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Низомномаи озмуни ҷумҳуриявии «Олими сол» миёни омӯзгорон ва олимони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Низомнома) тарзи ташкил ва баргузории озмунро (минбаъд озмун) муайян менамояд.

1.2. Низомномаи мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи омӯзиш ва рушди фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар соҳаи маориф ва илм дар давраи то соли 2030, Барномаи мақсадноки давлатии рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ барои солҳои 2021-2025 ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия гардидааст.

1.3. Мақсад аз баргузории озмун ин дар амал татбиқ намудани сиёсати давлатӣ дар соҳаи илму маориф, технология, рушди тафаккури техникӣ, тавсеаи ихтироъкорӣ, кашфиёт, навоварӣ ва эҷодкорӣ, баланд бардоштани мақому мартабаи олимону омӯзгорон дар ҷомеа, ҷалби бештари онҳо ба корҳои илмию таҳқиқотии сатҳи баланд, тайёр кардани кадрҳои минбаъдаи илмӣ дар муассисаҳои таълимию илмии ҷумҳурӣ ва инкишоф додани неруи зеҳнии онҳо мебошад.

## 2. ТАРТИБИ БАРГУЗОРИИ ОЗМУН

2.1. Кори илмӣ-таҳқиқотие, ки ба озмун пешниҳод мешавад, бояд дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикосгари манфиатҳои миллӣ, консепсия, стратегия ва барномаҳои давлатӣ бо дарназардошти соҳаи илму маориф қабулшуда бошад.

2.2. Довталабе, ки дар озмун ширкат меварзад, бояд ҳуҷҷатҳои дахлдорро аз ҷойи кори асосӣ тибқи замимаи 1-и Низомномаи мазкур пешниҳод намояд.

2.3. Озмун барои дарёфти ҷоизаи «Олими сол» ҳамасола дар давраҳои зерин баргузор карда мешавад:

- **даври якум** - муассисавӣ, моҳи январ - дар муассисае, ки довталаб дар он ҷо кор мекунад;

Муҳлати пешниҳоди ҳуҷҷатҳои ғолибони даври якум барои иштирок дар даври дуюм ба Комиссияи озмуни ҷумҳуриявӣ (вазоратӣ) то нимаи аввали моҳи феврал муқаррар карда шудааст.

- **даври дуюм** – ҷумҳуриявӣ (вазоратӣ) моҳи март дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор карда мешавад;

2.4. Олимон ва омӯзгороне, ки дорои дараҷаи илмӣ мебошанд, ҳуқуқи дар озмун иштирок карданро доранд.

2.5. Аз даври якуми озмун ба даври дуюм аз ҳар як муассиса 1 довталаб аз рӯйи ҳар як равия пешниҳод карда мешавад.

2.6. Барои даврҳои якум ва дуюми озмун комиссияҳои муассисавӣ ва ҷумҳуриявӣ барои баҳодиҳии корҳои илмӣ-таҳқиқотии пешниҳодгардида бо ҷалби мутахассисони соҳавӣ Комиссияи экспертӣ таъсис дода мешавад.

2.7. Комиссияҳои даври якум (муассисавӣ) ва даври дуюм (ҷумҳуриявӣ) вазифаҳои зеринро иҷро менамоянд:

- роҳбарии умумиро оид ба омодагӣ, ташкил ва баргузории озмун таъмин менамоянд;
- ҷой, муҳлати баргузории даврҳои озмун, теъдоди иштирокчиёнро аз ҳисоби ғолибон муайян ва ба раиси комиссияи ҷумҳуриявӣ барои тасдиқ пешниҳод менамоянд;
- номгӯи маводи иттилоотии иловагиро, ки барои истифодабарӣ иҷозат дода шудааст, тасдиқ менамоянд;
- ҳангоми баргузории озмун шаффофиятро таъмин менамоянд;
- масъалаҳои баҳсталабро дар раванди баргузории озмун дида мебароянд;
- экспертони бевоситаи ҳар як равия маводи озмуниро дақиқ омӯхта, хулосаи худро оид ба тамоми ҷанбаҳои он дар шакли хаттӣ навишта, ба он баҳогузорӣ менамоянд;
- дар ҳолатҳои баҳснок бо мақсади таъмини шаффофияту воқеият ҷиҳати баҳогузории кори довталабон маводи озмунӣ барои баҳодиҳӣ ба экспертҳои мустақил (нобобаста) дода мешавад. Ба экспертҳои мустақил хулосаи Комиссияи экспертӣ доир ба маводи озмунӣ дода намешавад.
- ҷамъбасти натиҷаи озмунро таъмин намуда, рӯйхати ғолибонро барои иштирок дар даври минбаъдаи озмун пешниҳод менамоянд;
- иштироки ғолибонро дар даври минбаъдаи озмун таъмин менамоянд.

2.8. Комиссия оид ба озмун дар даври ҷумҳуриявӣ вазифаҳои зеринро иҷро менамояд:

- баргузории озмунро то даври ҷумҳуриявӣ назорат намуда, даври ҷумҳуриявии онро бевосита роҳбарӣ менамояд;
- баргузорӣ ва натиҷагирии даври ҷумҳуриявии озмунро баррасӣ ва таҳлил намуда, ба вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумотномаи дахлдор пешниҳод менамояд;
- дипломи ғолибони озмунро омода менамояд;
- тартиби васеи рафти баргузорӣ ва натиҷаҳои озмунро тавассути воситаҳои ахбори омма ба роҳ мемонад.

2.9. Комиссияи ҷумҳуриявӣ оид ба озмун аз ҳисоби намояндагони дастгоҳи марказии Вазорати маориф ва илм ва муассисаҳои тобеи он, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии ҷумҳурӣ таъсис ёфта, бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегардад.

2.10. Озмун ҳар сол як маротиба гузаронида шуда, ғолибони даври ҷумҳуриявӣ ҳуқуқи такроран дар озмун иштирок карданро надоранд.

2.11. Олимону омӯзгороне, ки ба мукофот ва ҷоизаҳои давлатӣ сарфароз гардидаанд ба муҳлати 5 (панҷ) сол ва дорандаи мукофоти озмунҳои ҷумҳуриявӣ ба муҳлати 3 (се) сол ҳуқуқи иштирок карданро надоранд.

2.12. Маълумоти базавӣ, фаъолият ва дастовардҳои илмии довталаб ба равияи фанҳои банди 2.13 бояд мутобиқат намояд.

2.13. Озмун аз рӯйи равияҳои зерин гузаронида мешавад:

- равияи фанҳои геология, химия, биология, экология, география;
- равияи фанҳои риёзӣ;
- равияи фанҳои физика, астрономия;
- равияи фанҳои техникӣ;
- равияи фанҳои технологӣ;
- равияи фанҳои тиббӣ ва фарматсевтӣ;
- равияи фанҳои иқтисодӣ;
- равияи фанҳои таърих, ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ;
- равияи фанҳои фалсафа, сотсиология, диншиносӣ, психология;
- равияи фанҳои филология, лингвистика, журналистика, фарҳангшиносӣ.

2.14. Маводи ба озмун аз ҷониби олимон ва омӯзгорон пешниҳодшуда дар шакли холгузорӣ аз рӯйи меъёрҳои зерин баҳогузорӣ карда мешаванд:

- барои ҳар як маводи таълимию методӣ ва васоити таълимӣ - 30 хол;
- барои ҳар як китоби дарсӣ - 40 хол;
- барои ҳар як китоби дарсӣ, ки бо қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп тавсия гардидааст - 50 хол;
- барои ҳар як монография - 25 хол;
- барои нашри ҳар як мақолаи илмӣ-назариявӣ дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ - 4 хол;
- барои нашри ҳар як мақолаи илмӣ дар конференсияҳои байналмилалӣ - 6 хол;
- барои нашри ҳар як мақолаи илмии дар махзани индекси иқтибосии илмии Россия (РИНЦ) - 6 хол;
- барои нашри ҳар як мақолаи дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - 10 хол;
- барои нашри ҳар як мақолаи дар маҷаллаҳои тақризшавандаи байналмилалии илмии махзани ягонаи библиографӣ ва абстрактии адабиёти илмии таҳқиқшуда (SCOPUS ва Web of Science) - 15 хол;
- барои ҳар як нахуспатенти Ҷумҳурии Тоҷикистон -10 хол;
- барои ҳар як патенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - 15 хол;
- барои ҳар як патенти Авруосиё - 20 хол;
- барои ҳар як патенти аврупоӣ - 30 хол;
- барои ҳар як ҳуҷҷати тасдиққунандаи зери роҳбарии довталаб ҳимоя намудани диссертатсияи номзади илм, доктори фалсафа (PhD):

1). Барои ҳар як доктори анъанавӣ - 50 хол;

2). Барои ҳар як номзади илм ва ё докторант аз рӯйи ихтисос (PhD) - 20 хол;

- барои омода намудани донишҷӯёну магистрантон, докторантон аз рӯйи ихтисос ба озмуну олимпиадаҳо, ки ҷойҳои ифтихориро ишғол намудаанд:

1) Дар озмуну олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ (ҷойҳои 1, 2, 3) мувофиқан 30, 20, 10 хол;

2) Дар озмуну олимпиадаҳои байналмилалӣ (ҷойҳои 1, 2, 3) мувофиқан 40, 30, 20 хол;

- барои ҳар як ҳуҷҷати тасдиққунандаи дар истеҳсолот ҷорӣ намудани кори илмӣ – инноватсионӣ, намунаи саноатӣ ва ихтироот бо нишон додани самаранокии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ - 15 хол;
- диплом, сертификат, ифтихорнома ва сипосномае, ки дар натиҷаи таҳқиқоти илмӣ ба даст оварда шудааст:

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

1) барои ҳар як дипломи Ҷумҳурии Тоҷикистон - 15 хол;
2) барои ҳар як сертификати Ҷумҳурии Тоҷикистон - 10 хол;
3) барои ҳар як ифтихорнома ва сипосномаи Ҷумҳурии Тоҷикистон - 8 хол;
4) барои ҳар як дипломи байналмилалӣ - 25 хол;
5) барои ҳар як сертификати байналмилалӣ - 20 хол;
6) барои ҳар як ифтихорнома ва сипоснома байналмилалӣ - 15 хол;
- барои доштани ҳар як мукофоти соҳавӣ - 30 хол;
- барои доштани ҳар як мукофоти давлатӣ - 50 хол;
- барои иштирок дар чорабиниҳо (семинар, мизи мудаввар)-и илмию педагогӣ ва корҳои ҷамъиятӣ - 5 хол.

## 3. КУМИТАИ ТАДОРУКОТИ ОЗМУН

3.1. Кумитаи тадорукоти озмун аз ҳисоби кормандони раёсати илм ва инноватсия, инчунин дигар кормандони Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мутахассисони касбии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ (раис, котиби масъул ва аъзоён) дар асоси фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда, масъалаи ташкил ва баргузории даври дуюми озмун (ҷумҳуриявӣ) ба зиммаи ҳамин Кумита гузошта мешавад.

## 4. ҶАМЪБАСТИ ОЗМУН ВА МУКОФОТОНИДАНИ ҒОЛИБОН

4.1. Озмун аз рӯйи натиҷаи даври дуюм (ҷумҳуриявӣ) ҷамъбаст гардида, ғолибон аз рӯйи натиҷаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии пешниҳодшуда ва фаъолияташон муайян карда мешаванд.
4.2. Қарори комиссия оид ба озмуни мазкур аз ҷониби раиси Комиссия тасдиқ карда мешавад.
4.3. Теъдоди умумии Ҷоизаҳо аз рӯйи 10 равия муайян гардида, барои ҳар як равия як ҷой 10 ададро ташкил медиҳад.
4.4. Ғолибони даври ҷумҳуриявии озмун бо диплом ва мукофоти пулӣ сарфароз гардонида мешаванд. Мукофоти пулӣ барои ҳар як ғолиб 10 000 (даҳ ҳазор) сомониро ташкил медиҳад.
4.5. Ҷоиза аз тарафи вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ё бо дастури ӯ аз тарафи шахсони масъули дигар супорида мешавад.
4.6. Дар ҳолати фавти ғолиби озмун диплом ва мукофоти пулӣ тибқи тартиби қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ворисони ӯ дода мешавад.
4.7. Ҳайати Комиссияи экспертии озмун бо «Сипоснома»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон қадрдонӣ карда мешаванд.
4.8. Натиҷаи озмун аз тарафи раёсати илм ва инноватсия дар сомонаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳафтаномаи «Омӯзгор» ва расонаҳои дигари ахбори омма интишор карда мешавад.
4.9. Озмун ҳар сол тибқи фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон то арафаи Рӯзи илми тоҷик (ҳафтаи сеюми моҳи апрел) ҷамъбаст гардида, натиҷаи он дар Рӯзи илми тоҷик бо тақдими диплом, Ҷоми озмун ва мукофоти пулӣ эълон карда мешавад.
4.10. Корҳои озмунӣ пас аз ҷамъбасти он ба муддати панҷ сол дар бойгонӣ нигоҳ дошта мешаванд.

## 5. ТАЪМИНОТИ МОЛИЯВИИ ОЗМУН

5.1. Хароҷоти даври якум ва сафарбаркунии ғолибон ба даври дуюм (ҷумҳуриявӣ)-и озмун аз ҳисоби муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ пардохт карда мешавад.

5.2. Харҷномаи маблағи ҳавасмандгардонӣ барои ғолибони даври дуюм (ҷумҳуриявӣ)-и озмун ва дигар хароҷоти ба он вобаста аз ҳисоби Барномаи мақсадноки давлатии рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ барои солҳои 2021-2025 ва маблағҳои махсуси Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ шуда, бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

5.3. Ба харҷномаи даври дуюм (ҷумҳуриявӣ)-и озмун, ки аз ҳисоби маблағҳои махсуси Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохт мешавад, харҷи ҷамъомадҳои ифтитоҳӣ ва ҷамъбастии озмун, таъминот бо лавозимоти конселярӣ, тайёр намудани тuҳфаҳо, ҳавасмандгардонии ғолибон, кумитаи тадорукот дохил мешаванд.

5.4. Кумитаҳои иттифоқи касаба, ташкилотҳо, сарпарастон ва дигар сармоягузороне, ки бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ ҳамкорӣ доранд, метавонанд тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин кор саҳм гузоранд.

5.5. Ректорон (директорон)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ уҳдадоранд, ки ғолибони даври дуюм (ҷумҳуриявӣ)-и озмунро дар фазои тантанавӣ тариқи моддӣ ва молиявӣ қадрдонӣ намоянд.

5.6. Хароҷоти молиявии озмун дар замимаи 2 нишон дода шудааст.

## 6. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

6.1. Иҷрои талаботи Низомномаи мазкур ҳангоми баргузории озмун аз ҷониби масъулин ҳатмӣ мебошад.

6.2. Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Низомномаи мазкур танҳо тибқи тартиби муқаррargardида бо қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал баровaрда мешавад.

Замимаи 1
ба Низомномаи озмуни
ҷумҳуриявии «Олими сол» миёни
омӯзгорон ва олимони муассисаҳои
таҳсилоти олии касбӣ ва илмии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Ҳуҷҷатҳои аз ҷониби довталабон пешниҳодшаванда**

Довталабе, ки дар озмун ширкат менамояд, бояд ҳуҷҷатҳои зеринро вобаста ба корҳои анҷомдодааш пешниҳод намояд:

1) нусхаи шиноснома;

2) нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ;

3) варақаи шахсӣ бо тасдиқи ташкилоти ҷойи кори асосӣ;

4) акс бо андозаи 3х4 - 4 дона;

5) маълумотномаи фаъолияти довталаб (CV);

6) қарори шурои олимони муассисаи таълимӣ ва шурои илмии муассисаи илмӣ оид ба пешниҳод барои дарёфти ҷоиза;

7) ҳуҷҷати тасдиқкунанда оид ба доштани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори анъанавӣ;

8) рӯйхати мақолаҳои илмӣ ва маводи таълимӣ-методӣ (шакли 16);

9) маводи таълимию методӣ, васоити таълимӣ, китоби дарсӣ ва монографияҳо (нусхаи асл);

10) ҳуҷҷати тасдиқкунандаи дар истеҳсолот ҷорӣ намудани кори илмӣ - инноватсионӣ, кашфиёт, ихтироот бо нишон додани самаранокии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ;

11) нусхаи нахустпатент ва патенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, патенти Авруосиё ва аврупоӣ;

12) нусхаи ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи зери роҳбарии довталаб ҳимоянамудаи доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос, автореферати номзади илм ва доктори анъанавӣ;

13) нусхаи мукофоти давлатӣ ва соҳавӣ;

14) нусхаи диплом, сертификат, ифтихорнома ва сипоснома;

15) нусхаи ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи шогирдони довталабон, ки дар озмуну олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ҷойҳои ифтихориро ишғол намудаанд;

16) нусхаи ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи довталаб, ки дар чорабиниҳои илмию педагогӣ (семинар, мизи мудаввар) ва корҳои ҷамъиятӣ иштирок намудааст;

17) ҳуҷҷатҳои дигаре, ки дастовардҳои довталабро тибқи Низомномаи мазкур тасдиқ мекунанд, ё довталаб ба озмун пешниҳод намудани онро зарур мешуморад.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Замимаи 2
ба Низомномаи озмуни
ҷумҳуриявии «Олими сол» миёни
омӯзгорон ва олимони муассисаҳои
таҳсилоти олии касбӣ ва илмии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Маблағи ҷоизаи озмуни ҷумҳуриявии «Олими сол» миёни омӯзгорон ва олимони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли ҷадвал чунин мебошад:

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагиранда | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Якум | 10 000 | 10 | 100 000 |

Маблағи умумӣ

| № | Ҷоиза ва хароҷот | Шумораи умумӣ | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| 1 | Барои ҷоизаҳо | 10 | 100 000 |
| 2 | Хароҷотҳои ҷорӣ | - | 50 000 |
| Ҳамагӣ: | | | 150 000 |

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Утверждено решением коллегии
Министерства образования и науки
Республики Таджикистан
от «27» 09 2024 года № 12/4

# Положение
## о республиканском конкурсе «Ученый года» среди преподавателей и ученых высших профессиональных и научно-образовательных учреждений Республики Таджикистан

## 1. ОБЩИЕ ПОЛОЖЕНИЯ

1.1. Положение о республиканском конкурсе «Ученый года» между преподавателями и учеными высших профессиональных и научно-образовательных учреждений Республики Таджикистан (далее Положение) определяет порядок организации и проведения конкурса (далее конкурс).

1.2. Настоящее Положение разработано на основе Закона Республики Таджикистан «Об образовании», Закона Республики Таджикистан «О высшем профессиональном образовании и профессиональном образовании после высших учебных заведений», Национальной стратегии развития образования Республики Таджикистан на период до 2030 года, Стратегии изучения и развития математических предметов, точных и естественных наук в сфере образования и науки на период до 2030 года, Целевой государственной программы развития математических, точных и естественных наук на 2021 - 2025 годы и других нормативно-правовых документов.

1.3. Целью конкурса является реализация государственной политики в области науки и образования, технологий, развития технического мышления, развития изобретательства, открытий, инноваций и творчества, повышение статуса и ранга ученых и преподавателей в обществе, привлечение их большего числа к научной и исследовательской работе высокого уровня, подготовка дальнейших научных кадров в образовательных и научных учреждениях республики и развитие их интеллектуального потенциала.

## 2. ПОРЯДОК ПРОВЕДЕНИЯ КОНКУРСА

2.1. Научно-исследовательская работа, представляемая на конкурс, должна отражать национальные интересы, концепцию, стратегию и государственные программы с учетом сферы науки и образования, исходя из законодательства Республики Таджикистан.

2.2. Кандидат, участвующий в конкурсе, должен представить соответствующие документы с основного места работы согласно приложению 1 к настоящему Положению.

2.3. Конкурс на соискание премии «Ученый года» проводится ежегодно в следующие периоды:

- первый тур – ведомственный, в январе – в учреждении, где работает кандидат;

Срок подачи документов победителей первого тура для участия во втором туре в республиканскую (министерскую) конкурсную комиссию установлен до первой половины февраля.

- второй тур – республиканский (министерский) пройдет в марте в Министерстве образования и науки Республики Таджикистан;

2.4. В конкурсе имеют право участвовать ученые и преподаватели, имеющие ученые степени.

2.5. С первого тура конкурса по второй тур от каждого учреждения по каждому процессу выдвигается 1 кандидат.

2.6. Для первого и второго туров конкурса будут созданы ведомственные и республиканские комиссии для оценки предлагаемых научно-исследовательских работ с привлечением экспертов отрасли.

2.7. Комиссии первого тура (ведомственные) и второго тура (республиканские) выполняют следующие задачи:

- осуществляют общее руководство по подготовке, организации и проведению конкурса;
- место, сроки проведения конкурсных туров, количество участников определяются из числа победителей и представляются на утверждение председателю республиканской комиссии;
- утверждают перечень дополнительных информационных материалов, разрешенных к использованию;
- обеспечивают прозрачность проведения конкурса;
- рассматривают спорные вопросы в процессе проведения конкурса;
- непосредственные эксперты каждого направления внимательно изучают материалы конкурса, письменно оформляют свои заключения по всем его аспектам и оценивают их;
- в спорных случаях в целях обеспечения прозрачности и реальности оценки работ претендентов конкурсные материалы передаются на оценку независимым экспертам. Заключение Экспертной комиссии по материалам конкурса не предоставляется независимым экспертам.
- подводят итоги конкурса и представляют список победителей для участия в следующем туре конкурса;
- обеспечивают участие победителей в следующем туре конкурса.

2.8. Конкурсная комиссия в республиканском туре выполняет следующие задачи:

- контролирует проведение конкурса до республиканского тура и непосредственно руководит республиканским туром конкурса;
- рассматривает и анализирует проведение и результаты республиканского тура конкурса и представляет соответствующий отчет министру образования и науки Республики Таджикистан;
- оформляет дипломы победителей конкурса;
- организует широкую процедуру проведения и подведения итогов конкурса через средства массовой информации.

2.9. Республиканская комиссия по конкурсу создается из числа представителей центрального аппарата Министерства образования и науки и подведомственных ему учреждений, учреждений высшего профессионального и научного образования республики и утверждается приказом министра образование и наука Республики Таджикистан.

2.10. Конкурс проводится один раз в год, и победители республиканского тура не имеют права повторно участвовать в конкурсе.

РАЁСАТИ КАДРХО ВА КОРХОИ МАХСУС

2.11. В конкурсе не имеют права участвовать ученые и преподаватели, удостоенные государственных премий и наград сроком на 5 (пять) лет, а также победители республиканских конкурсов сроком на 3 (три) года.

2.12. Основные сведения, деятельность и научные достижения кандидата должны соответствовать направлению предметов пункта 2.13.

2.13. Конкурс проводится по следующим процедурам:

- направление геологии, химии, биологии, экологии, географии;
- направление математических дисциплин;
- направление физики, астрономии;
- направление технических дисциплин;
- направление технологических дисциплин;
- направление медицинских и фармацевтических дисциплин;
- направление экономических дисциплин;
- направление дисциплин истории, права и политологии;
- направление философии, социологии, религии, психологии;
- направление филологии, языкознания, журналистики, культурологии.

2.14. Материалы, представленные на конкурс учеными и преподавателями, оцениваются в виде баллов по следующим критериям:

- за каждый учебно-методический материал и средство обучения - 30 баллов;
- за каждый учебник – 40 баллов;
- за каждый учебник, рекомендованный к изданию решением Коллегии Министерства образования и науки Республики Таджикистан - 50 баллов;
- за каждую монографию – 25 баллов;
- за публикацию каждой научно-теоретической статьи на республиканских и региональных конференциях - 4 балла;
- за публикацию каждой научной статьи на международных конференциях – 6 баллов;
- за публикацию каждой научной статьи в базе данных индекса научного цитирования России (РИНЦ) - 6 баллов;
- за публикацию каждой статьи в рецензируемых журналах Высшей аттестационной комиссии при Президенте Республики Таджикистан - 10 баллов;
- за публикацию каждой статьи в рецензируемых международных научных журналах единой библиографической и реферативной базы исследуемой научной литературы (SCOPUS и Web of Science) - 15 баллов;
- за каждый первый патент Республики Таджикистан - 10 баллов;
- за каждый патент Республики Таджикистан – 15 баллов;
- за каждый евразийский патент – 20 баллов;
- за каждый европейский патент – 30 баллов;
- по каждому подтверждающему документу под руководством соискателя для защиты диссертации кандидата наук, доктора философии (PhD):

1) За каждого традиционного доктора – 50 баллов;

2) За каждого кандидата наук или докторанта по специальности (PhD) – 20 баллов;

- за подготовку студентов, магистрантов и докторантов к конкурсам и олимпиадам, занявших почетные места:

1) В республиканских конкурсах и олимпиадах (1, 2, 3 места) соответственно – 30, 20, 10 баллов;

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

1) В международных конкурсах и олимпиадах (1, 2, 3 места) соответственно – 40, 30, 20 баллов;

- за каждый документ, удостоверяющий внедрение в производство научно-инновационной работы, промышленной модели и изобретения, показывающий экономическую и социальную эффективность - 15 баллов;

- диплом, сертификат и почетная грамота, полученные в результате научных исследований:

1) за каждый диплом Республики Таджикистан – 15 баллов;

2) за каждый сертификат Республики Таджикистан – 10 баллов;

3) за каждую почётную грамоту Республики Таджикистан – 8 баллов;;

4) за каждый международный диплом – 25 баллов;

5) за каждый международный сертификат – 20 баллов;

6) за каждую международную почетную грамоту – 15 баллов;;

- за каждую отраслевую награду – 30 баллов;

- за каждую государственную награду – 50 баллов;

- за участие в мероприятиях (семинаре, круглом столе) научно-педагогических и общественных работах - 5 баллов.

## 3. ОРГКОМИТЕТ КОНКУРСА

3.1. Оргкомитет конкурса создаётся из числа сотрудников Управления науки и инноваций, а также других сотрудников Министерства образования и науки Республики Таджикистан и профессиональных специалистов учреждений высшего профессионального и научного образования (председатель, ответственный секретарь и члены) на основании приказа Министра образования и науки Республики Таджикистан, организация и проведение второго тура конкурса (республиканского) возлагается на этот Комитет.

## 4. ПОДВЕДЕНИЕ ИТОГОВ КОНКУРСА И НАГРАЖДЕНИЕ ПОБЕДИТЕЛЕЙ

4.1. Итоги конкурса будут подведены по результатам второго (республиканского) тура. Победители будут определены по результатам предлагаемых научно-исследовательских работ и их деятельности.

4.2. Решение комиссии по данному конкурсу утверждается председателем Комиссии.

4.3. Общее количество Наград определяется 10 направлениями, по одному месту для каждого направления – 10.

4.4. Победители республиканского тура конкурса будут удостоены дипломом и денежней премией. Денежное вознаграждение каждому победителю составляет 10 000 (десять тысяч) сомони.

4.5. Награда вручается министром образования и науки Республики Таджикистан или по его поручению другими ответственными лицами.

4.6. В случае смерти победителя конкурса диплом и денежная премия передаются его наследникам в соответствии с законодательством Республики Таджикистан.

4.7. Члены Экспертной комиссии конкурса награждаются «Почётной грамотой» Министерства образования и науки Республики Таджикистан.

4.8. Итоги конкурса будут опубликованы Управлением науки и инноваций на сайте Министерства образования и науки Республики Таджикистан, еженедельнике «Омузгор» и других средствах массовой информации.

4.9. Ежегодно согласно приказу министра образования и науки Республики Таджикистан конкурс завершается накануне Дня таджикской науки (третья неделя апреля). Ее итоги будут объявлены на Дне науки Таджикистана с вручением диплома, Кубок конкурса и денежной премии.

4.10. Конкурсные работы будут храниться в архиве в течение пяти лет после его завершения.

## 5. ФИНАНСОВОЕ ОБЕСПЕЧЕНИЕ КОНКУРСА

5.1. Расходы на проведение первого тура и мобилизацию победителей на второй (республиканский) тур конкурса выплачивают высшие профессиональные и научно-образовательные учреждения.

5.2. Бюджет поощрительных выплат победителям второго (республиканского) тура конкурса и другие расходы, связанные с ним, будут финансироваться за счет целевой государственной программы развития математических, точных и естественных наук на 2021-2025 годы и специальных фондов Министерства образования и науки Республики Таджикистан, утвержденных приказом министра образования и науки Республики Таджикистан.

5.3. В бюджет второго (республиканского) тура конкурса, который финансируется из специальных фондов Министерства образования и науки Республики Таджикистан, входят расходы на открытие и закрытие конкурса, поставку канцелярских товаров, подготовку подарков, поощрение победителей, оргкомитет.

5.4. Вносить вклад в эту работу в соответствии с законодательством Республики Таджикистан могут профсоюзные комитеты, организации, спонсоры и другие инвесторы, сотрудничающие с Министерством образования и науки Республики Таджикистан, учреждения высшего профессионального и научного образования.

5.5. Ректоры (директора) учреждений высшего профессионального и научного образования обязаны материально и финансово поощрять победителей второго (республиканского) тура конкурса в торжественной обстановке.

5.6. Финансовые затраты на проведение конкурса указаны в приложении 2.

## 6. ЗАКЛЮЧИТЕЛЬНЫЕ ПОЛОЖЕНИЯ

6.1. Соблюдение требований настоящего Регламента во время конкурса является обязательным для ответственных лиц.

6.2. Изменения и дополнения в настоящее Положение будут вноситься только в установленном порядке по решению Коллегии Министерства образования и науки Республики Таджикистан.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Приложение 1
к Положению республиканского
конкурса «Учёный года» среди
преподавателей и учёных
высших профессиональных и
научно-образовательных учреждений
Республики Таджикистан

**Документы, предоставляемые кандидатами**

Кандидат, участвующий в конкурсе, должен предоставить следующие документы, относящиеся к выполненной им работе:

1) копию паспорта;

2) копию трудовой книжки;

3) личный листок с утверждением организации по основному месту работы;

4) фотографию размером 3x4 – 4 штуки;

5) свидетельство о деятельности кандидата (CV);

6) решение Учёного совета образовательного учреждения и Научного совета научного учреждения по предложению о награждении;

7) документ, удостоверяющий наличие ученой степени доктора философии (PhD) - доктора по специальности, кандидата наук и традиционного доктора;

8) список научных статей и учебно-методических материалов (форма 16);

9) учебно-методические материалы, средства обучения, учебники и монографии (оригинал);

10) документ, удостоверяющий внедрение в производство научно-инновационных работ, открытий, изобретений, показывающий экономическую и социальную эффективность;

11) копию первого патента и патента Республики Таджикистан, евразийского и европейского патентов;

12) копии подтверждающих документов, свидетельствующих о защите доктора философии (PhD) (доктора по специальности), автореферата кандидата наук и традиционного доктора под руководством кандидата;

13) копию государственной и отраслевой награды;

14) копии диплома, сертификата, почетной грамоты и грамоты;

15) копии документов воспитанников, обучающихся под руководством кандидатов, занявших почетные места на республиканских и международных конкурсах и олимпиадах;

16) копии документов, удостоверяющих участие кандидата в научно-педагогических мероприятиях (семинаре, круглом столе) и общественных работах;

17) иные документы, подтверждающие достижения кандидата согласно настоящему Положению, либо которые кандидат считает необходимым представить на конкурс.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Приложение 2
к Положению республиканского
конкурса «Учёный года» среди
преподавателей и учёных
высших профессиональных и
научно-образовательных учреждений
Республики Таджикистан

Размер премии республиканского конкурса «Ученый года» среди преподавателей и ученых высших профессиональных и научно-образовательных учреждений Республики Таджикистан составляет:

| № | Место | Сумма | Количество награждаемых | Общая сумма (в сомони) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Первое | 10 000 | 10 | 100 000 |

Общая сумма

| № | Премия и расходы | Общее количество | Общая сумма (в сомони) |
|---|---|---|---|
| 1 | Для наград | 10 | 100 000 |
| 2 | Текущие расходы | - | 50 000 |
| Всего: | | | 150 000 |

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС